**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Салямова Дилафруз Нарзимуродовна дар мавзуи "Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон бо технологияи бартарафсозии он" диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03-педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия)

Мусаллам аст, ки омӯзиши лакнати забон дар илми муосир меафзояд, зеро аксарияти нафарони мубтало ба ин нуқсони нутқӣ кӯдакон ба шумор рафта ки ин ҳолат аз назари кормандони соҳаи коррексионӣ педагоги яке аз масъалаҳои муҳим дониста мешавад. Амалия нишон медиҳад, ки бидуни таҳқиқи илмии ин падида андешидану татбиқи усулҳои бартарафсозии он ғайриимкон аст. Аз ин рӯ мубрамияти дарки зарурияти ин масъала маҳз аз боиси зуҳури мушкилот дар ифодаи сухан, баёни равшани фикр, барқарории муоширати баробар бо дигарон ва ғайра мегардад, ки дар ниҳоят камолоти шахсии инсонро халалдор месозад. Норасоии маълумотҳои дақиқу санҷидашуда оид ба ин масъалаҳо аксар маврид боиси сар задани мушкилот дар фаъолияти омузгорони логопед мегардад, ки бояд зина ба зина зимни таҳқиқотҳои амалиявию назариявӣ бартараф карда шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Салямова Д.Н., яке аз мавзуъҳои мубрам ва то ҳол наомӯхташуда дар илми педагогикаи махсус маҳсуб ёфта, ба муалиф муяссар гардидааст, ки як мавзуи навро дар илми педагогикаи махсус пешниҳод намояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз руйи онҳо диссертатсия пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Салямова Д.Н., дар мавзуи "Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон бо технологияи бартарафсозии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти ҶТ аз рӯи ихтисоси 13.00.03-педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) мутобиқат мекунад.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Тавре зикр гардид, лакнатзабонӣ як ҷанбаи маъмули осебпазирии нутқ аст ва аксаран дар кӯдакони хурдсол мушоҳида гардида, минбаъд дар сурати ислоҳ нашуданаш ба инкишофи нутқ ва шахсияти онҳо ва умуман ба ташаккули солими хислатҳои зиёди кӯдак халал мерасонад, мутобиқшавии иҷтимоии ӯро душвор мегардонад. Решаҳои аслии сабабҳои зуҳури лакнатзабонӣ то ҳол ба қадри кофӣ рӯшан нестанд ва табиист,ки дар ин маврид фикру андешаи ягона вуҷуд надорад. Вобаста аз ин зарурати фаҳмидани механизмҳои лакнатзабонӣ ва донистани хусусиятҳои гуногуни зуҳури он барои бартараф кардани он тавассути ғанӣ гардонидани захираи донишҳо онро боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, муҳимияти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва дарки пайгирии мунтазами зуҳури ин падида аз мавқеи тадбиқи амалҳои коррексионӣ дар ин самт вобастагӣ дорад. Таърихи пажуҳиши масъалаи падидаи мазкур гувоҳи он аст,ки осебпазирии зикршуда боиси тағйирёбӣ дар хусусияти овози кӯдак ва ҷанбаҳои акустикии он гардид.

Новобаста аз мубрамият доштани масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ мавриди таҳқиқот қарор нагирифтааст, дар сурате, ки нафарони зиёде ҳастанд, ки ба ин нуқсон мубтало ҳастанд ва аз он пайваста ранҷ мебаранд. Мо дар таҳқиқот лозим донистем, барои мукаммалсозии таҷрибаи логопед ба воситаи истифодаи технологияи бозӣ дар мавриди чӣ гуна бархурд кардан бо онҳо тавзеҳоте дода бошем. Бо ин метавонем усулҳои ҷории анъанавиро тақвият бахшида, барои дарёфти усулҳои нав роҳ кушоем.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Пеш аз ҳама, дар таҳия ва татбиқи маҷмӯи омӯзиши логопедӣ бо истифода аз ин усул барои кӯдакони таҳсилоти томактабӣ иборат буда, ҷанбаҳои зеринро дарбар мегирад:

- муайян кардани роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди бозии логопедӣ бо воситаи технологияи бозӣ:

-дар асоси усулҳои нави объективии таҳқиқоти инструменталӣ хусусиятҳои умумӣ ва фардии характеристикаҳои темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон муайян карда шудааст;

-бо воситаи технологияи бозӣ роҳҳои ислоҳи нуқсони лакнатзабонӣ асоснок ва муайян карда шуд;

-маълумотҳои нави сифатӣ ва миқдории таҷрибавӣ ба даст оварда шуданд, ки хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқи лакнатзабонҳо, таъсири мутақобила ва динамикаи ҷузъҳои гуногуни просодики, инчунин алоқаи онҳоро бо дигар аломатҳои лакнатзабониро бо технологияи бозӣ тавсиф мекунанд;

Ҳамчунин, диссертант зимни таҳқиқи мавзуъ нуқтаҳои бисёр муҳимро ҷиҳати дифоъ пешниҳод намудааст, ки дар диссертатсия ва автореферат ба таври возеҳ оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва назариявии таҳқиқот дар он аст, ки таҳқиқот имкон медиҳад, ки самтҳо асоснок карда шаванд, мазмун ва усулҳои кори логопедӣ ба эътидол овардани параметрҳои темпо-ритмиии нутқи кӯдакони таҳсилоти томактабие, ки дар сохтори мураккаби таъсири психологию педагогӣ лакнатзабонҳо бо воситаи бозӣ, асоснок карда шаванд. Дар асоси маълумотҳои таҷрибавии ба даст овардашуда меъёр ва шартҳои татбиқи равиши дифференсиалӣ ва фардӣ дар рафти кори логопедӣ тартиб дода шуда, маводҳои лингвистӣ аз руи принсипи мураккаби ташкили темпо-ритмии он ба низом даровара шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳия, коркард истифодабарии корҳои ислоҳӣ бо воситаи технологияи бозӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсиони маҳсули фаъолияти илмии муҳаққиқ буда, барои бе нуқсон муоширати кардани кӯдакони синни томактабӣ бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омузиш қарор гирифтааст. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Диссертант дар давоми омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ 3-дастури таълими, 13- мақола, аз ҷумла 3-тои он дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз сарсухан, ду боб, озмоиши педагогӣ, хулоса, номгӯи адабиёт ва замимаҳои истифодашуда иборат аст. Муҳтавои рисола дар 175 саҳифаи ҳуруфчинии компютерӣ баён карда шудааст. Дар матн 4-диаграмма, 2-слайт, 8- ҷадвал, 2-нақша, 18-расм, 8-маҳзҳои тиббӣ (зонд) мавҷуд мебошад. Рӯйхати адабиёт 234 номгӯро фаро гирифтааст.

Дар боби якум **“Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи масъалаҳои пайдоиш ва ислоҳи нутқи кӯдакони лакнатзабон”** таҳлил карда шудаанд. Боби аввали рисола аз се зербоб иборат буда, зербоби якум дар мавзуи **“Сабабу омилҳои пайдошавии осеби лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар адабиёти педагогӣ, равоншиносӣ ва методӣ”** муълумотҳо пешниҳод шудааст. Забон яке аз бузургтарин дастовардҳои башарӣ аст ва шояд аҳамияти он беш аз тамоми ихтироот бошад, ба шарте ки ду ҳазор сол гузашта дар ҳитаи абзори модии хеш ба амал овардааст.

Кӯдаки лакнатзабон, ба ақидаи Ч.Лагузен, «организми шадиди бемор» мебошад, ки таъсири комплексиро дар шакли маҷмуи тадбирҳои тиббию психологӣ бо ҳатмии ҷорӣ кардани реҷаи хомӯшӣ талаб мекунад. Муддате дар миёнаи асри 19 усули ҷарроҳӣ маъмул шуд, ки самарабахшии он тасодуфӣ буд ва дар ҷараёни ҷустуҷӯи роҳҳои самарабахши ислоҳи лакнатзабонӣ усули дидактикӣ пайдо шуд. Он аз истифодаи ҷудогонаи машқҳои гуногуни нафаскашӣ, ибрози сухан ва гузоштани овоз иборат мебошад.

Н.Н.Турсунов дар тадққиқоти худ пешниҳод менамояд, кӯдакони синни томактабӣ бо воситаи бозӣ анъанаҳои мардуми точикро меомузанд. Дар таҳқиқоти хеш омузиши бозиҳои халқии тоҷикиро таҳлил намуда, бозиро ҳамчун воситаи омода кардани кӯдакон ба ҳаёт меҳисобад.

Дар таҳқиқотҳои Т.Х. Мустафоқулов, Т.Намозов, Ш.А. Сафаров, ва дигарон бозӣ воситаи саломатии кӯдакони синни томактабӣ ва хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ исбот карда шудааст.

Т.Х.Мустафоқулов дар асоси таҳқиқот худ пешниҳод менамояд, ки «Рангинкамон» дар зери таҳрири Иматова Л, бозиҳои мутобиқшудаи машқҳои рақс ва машқҳои варзишӣ дохил карда шаванд. Дар кори худ маҳс бозиҳо ба воситаи ритми логопедӣ ва маҳси логопедӣ барои ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабонӣ истифода бурда шуд. Воситаи ритми логопедӣ барои хондани шуъру суруд ва маҳсии логопедӣ, ки аз ду қисм дар зери таҳрири мутахассис Маҳмадиева М (маҳси забон, маҳси ком, маҳси лунҷ) омода карда шудааст, воситаи ислоҳ намудани нуқсони лакнатзабони шуморидем.

Дар фасли дуюми боби якуми кор **“Ҳамкории логопед, мураббӣ ва оила дар ислоҳи нуқсони лакнатзабонии кӯдакон”** дида баромада шудааст. Барои кӯдаке, ки мубтало ба лакнати забон, сабру ҳавсалаи логопед, мураббӣ бисёр муҳим ва боарзиш аст. Мураббӣ бояд сабурона ва бо таваҷҷуҳ ва диққат фурсат диҳад, ки кӯдак бароҳатӣ он чиро, ки

мехоҳад, бигӯяд, суханашро тамом намояд ва аз ҳар гуна шитобзадагӣ, тамасхур ва истеҳзои кӯдак иҷтиноб намояд. Баъзе аз волидайн ин мавзуъро нахустин нишонаҳои лакнати забон медонанд ва ба кӯдакон ёдовар мешаванд, ки ҳангоми сӯҳбат кардан бештар диққат кунад, дар ҳоле, ки дастаи дигар ба ҳеҷ ваҷҳ вокуниш (муқобилият) нишон намедиҳанд ва сабру таҳаммул пеша мекунанд.

Дар фасли сеюми боби аввал масъалаи **“Технологияи педагогии ислоҳи лакнатзабонӣ кӯдакони синни томактабӣ”** мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфтааст. Барои кӯдакони синни томактабӣ бозӣ шакли асосии дарки ҷаҳон аст. Кӯдак ҳангоми бозӣ таассурот ва эҳсосотро аз муошират, сюжетҳои китобҳо баён мекунад, бо одамон муносибат барқарор карданро меомӯзад.

**Бозиҳои дидактикӣ** барои рушди шунавоӣ, нафаскашӣ, овоз, ономатопея (таклид), бозиҳо бо бозичаҳо - бо истифода аз ҳиссиёти биноӣ ва шунавоӣ, диққат, малакаҳои мотории ангуштҳо, хотираи ихтиёрӣ ва маводи оддӣ, онҳо аз ҷониби логопед дар шакли гуногун ба кӯдакон роҳҳои ҷорӣ намудани шаклҳои нутқ дода мешаванд.

**Бозиҳои эҷодӣ** таҷрибаи ҷамъиятии кӯдакони таҳсилоти томактабиро бой мегардонанд, ба тарбия ва инкишоф додани рафтори фаъол, худташкилкуни дар ҳама гуна фаъолият ва пеш аз ҳама нутқӣ онҳо ёрӣ мерасонанд. Истифодаи фаъолияти бозӣ барои ислоҳӣ лакнатзабон ба принсипҳои дидактикии мавҷудияти маводи нутқ, пайдарпайии бозиҳо - аз қоидаҳои оддии тайёр то бозиҳои эҷодӣ асос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, дар кори тарбиявӣ бо кӯдакони синни томактабӣ шаклҳои бозӣ ҳам дар машғулият ва ҳам дар раванди фаъолияти мустақилона (лаҳзаҳои алоҳидаи тарбиявӣ) дар шакли муттаҳид истифода мешуданд.

Диссертант ба хулосае расидааст, ки моро лозим аст, то андешаҳои ин донишмандонро дар масъалаи бартараф кардани нуқсони

лакнатзабонӣ бо тариқи бозӣ ва маҳсҳои логопедӣ ба таври васеъ истифода намоем.

Ҳамчунин автореферат ва мақолаҳои нашршудаи диссертант мазмуну мудариҷаи таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда, фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи махсус мебошад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Салямова Д.Н. дар мавзуи "Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.03-педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) ба талаботи "Тартиб додани дараҷаи илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 уми июни соли 2021,таҳти номери №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.03 (сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия) сазовор аст.

Роҳбари илмӣ, дотсент, ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Рамазонова. Р.С.

Имзои Рамазонова Р-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А.Мустафозода

05.01.2024

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj